**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

**735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, телефон: 6-52-73, 6-47-39**
**факс: 6-75-18; e-mail: rector@hgu.tj**

№01/8533 аз «09» 10 2019 с.

«Тасдиқ менамоям»
Ректори муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷандба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,доктори илмҳои таърих, профессор Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.

_______________
“___” __________ соли 2019

# ХУЛОСАИ
## муассисае, ки рисола иҷро гардидааст:
## Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Рисолаи номзадии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи « Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ» дар кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом ёфтааст.

Дар марҳилаи омодасозии рисола унвонҷӯ Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна ба ҳайси сармуаллими кафедраи электроникаи факултети физикаю техникаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият дошт.

Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна ҳамеша дар раванди корҳои илмиву ҷамъиятии кафедра, факултет ва донишгоҳ иштироки фаъолона дошта, байни устодону ва ҳамкасбонаш соҳиби обрӯву эътибор буд.

Дар давраи фаъолияти илмӣ, таълимию тарбиявӣ, имтиҳонҳои минимуми номзадии худро аз фаннҳои таърих ва фалсафаи илм (соли 2016) бо баҳои аъло, забони хориҷӣ (соли 2017) баҳои хуб ва педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маъориф (соли 2016) баҳои аъло супоридааст.

Роҳбари илмӣ - Исломов Озод Азимович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи накшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Аз рӯи натиҷаи муҳокимаи пешакӣ чунин хулоса бароварда шуд:

Мавзӯи рисолаи номзадии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна ба қатори мавзӯъҳои актуалӣ ва басо муҳим ба ҳисоб меравад, зеро дарёфти сарчашмаҳои ороишоти гулдӯзии миллии тоҷикӣ, муайян кардани сабабҳои маъруфияти чандинасраи он ва огоҳии комил пайдо намудан аз ҷаҳони эҷодии ҳунармандони халқи тоҷик арзёбӣ мегардад. Дар замони Истиқлолияти Ҷумҳурӣ зарурат ва аҳамияти рӯй овардан ба манбаъҳои муҳими миллӣ дарк гардид.

Анъанаҳои миллии тоҷикон таърихи қадима дошта, ҳанӯз ҳазорҳо сол қабл пайдо шудаанд. Мутаассифона, дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ осори бисёре аз ҳунармандони мардумӣ таназзул ёфта, имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ эҳёи талафот шуруъ шудааст. Ин эҳё дар якчанд самтҳо сурат мегирад: таърихӣ, бостоншиносӣ (археологӣ), санъатшиносӣ, фарҳанг, маориф ва ғайра.

**Мундариҷаи рисолаи номзадӣ ба талаботҳои таҳқиқоти соҳавии шиносномаи ихтисоси 13.00.02-Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (технология (таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ) мувофиқат меиамояд:**

п. 7. Аҳамияти амалии тадқиқот дар он аст, ки роҳу усулҳо, тарз ва методҳои инкишофи шахсият ба воситаи гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва манзур карда шудаанд.

Саҳеҳию эътимодбахшии муқарраротн илмӣ, хулосаю тавсияҳои дар рисола баёнгардида тавассути методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, такя ба усулҳои назариявию эмпириявии таҳқиқот, ҳамчунин бо таҳлили шароиту натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ, тасдиқи муқаррароте, ки дар фарзия пешниҳод шудаанд, истифодаи маҷмӯи усулҳое, ки ба ҳар марҳилаи тадқиқот мувофиқу мутобиқанд, таҷрибаи шахсии кори муаллиф таъмин карда мешавад.

Дар давоми фаъолияти худ дар кори илмӣ унвонҷӯ Тошхоҷаева С. А. бо миқдори зиёди сарчашмаҳои педагогиву психологӣ вобаста ба мавзӯи

илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода, мустақилиятиву бомасъулиятӣ ва меҳнатдӯстиро зоҳир намуда буд.

п. 9. Таҳқиқотҳои байнифаннии ҷанбаъҳои педагогии маълумот (тадқиқи самтҳои мухталифи рушди таҳсилот дар асоси ҳамгироии фанҳо; тадқиқи фаъолияти педагогӣ дар соҳаи антропологияи иҷтимоӣ - фалсафавӣ; фаъолгардонии ҷузъҳои педагогии равандҳои иҷтимоӣ).

Дар рисолаи мазкур қоидаҳои асосӣ, хулосаву таклифу пешниҳодҳо дар асоси методологияи диалектикӣ тартиб дода шудаанд. Мақсади тадқиқот, метод, шакл ва воситаҳои амалишавии онҳо аз вазифаҳое, ки ҷамъияти муосир дар назди кормандони соҳаи маориф гузоштааст, сарчашма мегиранд.

Маҷмӯаи тадқиқотҳо, ки ҳисоби сифативу миқдории системанокро талаб менамояд, ба муаллифи рисола имконият доданд, ки фарзияи тадқиқот тасдиқ гардида, пешниҳодҳои илмии дар рисола нишондодашуда аз ҷиҳати илмӣ бо таҳлили чуқуру амиқ асоснок карда шаванд.

Таҳқиқи муқарраротӣ илмӣ, хулосаҳо ва таклифу пешниҳодҳо, ки дар рисола ҷой дода шудааст, бо консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, таҳлили шароитҳо ва натиҷаи тадқиқоти таҷрибавӣ – озмоишӣ, тасдиқи муқарраротҳои дар фарзияи рисола пешниҳодгардида ва таҷрибаи шахсии муаллифи рисола таъмин карда мешаванд.

**Навгонии илмии тадқиқот**: зарурати омӯхтани фанни технология дар асоси гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ қайд гашта, роҳу усулҳои корбасти гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ (сӯзанӣ) мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Моҳияти тарбияи муҳассилин ва хусусиятҳои усули таълими гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ дар заминаи педагогикаи халқӣ (дар асоси сӯзанӣ) омӯхта шуд. Системаи усулҳои рушд, роҳҳои баланд бардоштани раванди омӯзиш дар рафти ташаккули шахсият тавассути гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар он аст, ки роҳу усулҳо, тарз ва методҳои инкишофи шахсият ба воситаи гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва манзур карда шудаанд.

Матлабҳои асосии назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои чопкардаи муаллиф инъикос ёфта, дар ҷаласаҳои кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи

таълимии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», ҳамчунин дар конфронсҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ дар шакли маърӯза пешниҳод гардида, муҳокима шудаанд.

Аз тарафи диссертант Тошхоҷаева С. А. он натиҷаҳое, ки дар раванди таҳқиқот соҳиб шуда буд, дар 26 адад корҳои илмииаш, аз ҷумла: 5 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 17 мақола дар конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва 1 мақола дар конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ ва 3 дастури таълимӣ инъикос ёфтааст.

Хулосаҳои назариявию таклиф ва пешниҳодҳои Тошхоҷаева С. А. аз мундариҷаи умумии рисолаи номзадӣ бармеояд ва автореферат мундариҷаи умумии рисолаи номзадиро инъикос менамояд.

Осори илмӣ ва илмӣ - методии муаллиф моҳияти аслии тадқиқотро шарҳ дода, мундариҷаи асосии рисоларо инъикос менамоянд.

Рисолаи номзадии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи « Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ» мустақилона анҷом дода шуда, ба ҳалли масъалаҳои мубрами педагогика нигаронида шудааст. Аз ҳамин лиҳоз, барои амалия ва назарияи педагогика аҳамияти калон дошта, метавонад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (технология (таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда шавад.

**Қарор карда шуд:**

1. Рисолаи номзадии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи « Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ» кори илмӣ - тахассусии ба итмомрасидашуда буда, ба талаботҳои Низомнома дар бораи тартиби пешниҳоди унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.
2. Рисолаи номзадии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи « Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси ихтисоси 13.00.02-Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (технология (таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ) тавсия карда мешавад.

Хулоса аз тарафи доктори илмҳои педагогӣ, профессор Исломов Озод Азимович тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи накшакашӣ,

геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд, ҳамаи аъзоёни кафедра. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» - ҳамаи аъзоёни кафедра, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Қарор дар суратҷаласаи № 2 аз 20 сентябри соли 2019 сабт гардидааст.

Мудири кафедраи нақшакашӣ,
геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Исломов Озод Азимович

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков -1
тел.(+992)927233378
почтаи электронӣ:
веб. сайт: www.hgu.tj

Имзои Исломов Озод Азимовичро
тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Ашрапова З. Н.